Тасдиқ мекунам

Ректори ДМТ, профессор

Хушвахтзода Қ.Х.________

«19» «____» 2022 с.

# Х У Л О С А И

## Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Диссертатсия дар мавзуи **«Такмили механизми идоракунии рушди босуботи истифобарии захираҳои табиии Тоҷикистон (дар мисоли вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон)»** бо ихтисоси: 08.00.10-Менеҷмент, маркетинг ва нархгузорӣ дар кафедраи умумидонишгоҳии назарияи иқтисодии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро гардида аст.

Дар давраи тайёр намудани диссертатсия Абдулов Дилшод Назарович унвонҷӯи кафедраи умумидонишгоҳии назарияи иқтисодии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (солҳои 2014-2022) буда, ба ҳайси унвонҷӯ таҳқиқоти илмӣ намудааст.

Абдулов Дилшод Назарович, соли 2010 Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакиро бо ихтисоси «иқтисодчӣ-менеҷер» хатм намудааст. Шаҳодатнома оиди супоридани имтиҳонҳои номзадӣ аз фаннҳои таърихи фалсафа (4- хуб), дар санаи 8.06.2011 №1 ва забони хориҷӣ (4-хуб) дар санаи 21.01.2012 №1 соли 2015 аз тарафи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ дода шудааст.

Ҳамчунин дар санаи 12.08.2020 таҳти №214-05 имтиҳони номзадиро дар ДМТ бо баҳои (5-аъло) супорида аст, соҳиби шаҳодатнома мебошад.

**Роҳбари илмӣ:** д.и.и., профессор Ғаниев Т.Б. мудири кафедраи идоракунии захираҳои инсонӣ ДМТ.

Аз рӯи натиҷаи дида баромадани диссертатсия дар мавзуи **«Такмили механизми идоракунии рушди босуботи истифодабарии захираҳои табиии Тоҷикистон (дар мисоли вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон)»** бо ихтисоси: 08.00.10-Менеҷмент, маркетинг ва нахгухорӣ хулосаҳои зерин қабул карда шуданд:

1. **Баҳодиҳии кори иҷрокардашуда**. Масъалаҳои таъмини захираҳо барои азхудкунӣ ва истифодаи самараноки иқтидори сарватҳои табиии

қаламравҳои алоҳида ҳамеша мавзуи марказии назария ва амалияи иқтисодиёти минтақавӣ буданд. Қайд кардан ба маврид аст, ки сиёсати давлатии танзими равандҳои захираҳои молиявӣ дар сатҳи минтақавӣ аслан ба саноати истихроҷ равона карда шудааст, ки аҳамияти калидиро барои фаъолсозии равандҳои истеҳсолӣ, рушди иқтидори содиротӣ ва афзоиши сатҳи шуғли аҳолӣ доро мебошад. Азхудкунии иқтидори сарватҳои табиӣ ба сифати омили муҳими таъмини рушди устувори иқтисодӣ баромад намуда, амнияти иқтисодиро қавӣ гардонида ба коҳишёбии сатҳи осебпазирии иқтисоди миллӣ аз таъсири муҳити беруна мусоидат менамояд. Ҳамин тавр, рисола дар мавзуи муҳим ва мубрами рӯз навишта шудааст, дар сатҳи баланди илмӣ иҷро гардидааст, ба сифати кори илмии ба анҷом расида пешниҳод гардидааст, муаллиф ба мақсад ва ҳадафҳои гузошташуда ноил гардидааст, хулоса ва тавсияҳои муаллиф асоснок карда шудаанд.

**2. Саҳми мушаххаси унвонҷӯ ҷиҳати ба даст овардани натиҷаҳое, ки дар диссертатсия матраҳ гардидаанд.**

Ҳамаи марҳилаҳо ҷиҳати иҷрои нақшаи корҳои илмӣ: аз ҷумла интихоб ва таҳияи мавзуъ, асоснокуни ва мубрамияти он, мақсади гузошташуда ва иҷрои вазифаҳои он бо иштироки бевоситаи муаллиф гузаронида шудааст.

Муаллиф дар такмилдиҳии навини механизми идоракунии самараноки захираҳаҳои табиӣ ва механизмҳои ҷалби онҳо бо саноати коркард, танзими даромадноки ва таҳияи тадбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ барои ширкаткунандагони лоиҳаҳо ва дигар усулҳои истифодаи ашёи маъданиро дар рисолаи диссертатисонӣ нишон дода, бевосита иштирок карда аст. Натиҷаҳои таҳқиқот дар ҷараёни таълими факултаҳои иқтисодии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ ҳангоми хондани дарсҳои лексионию гузаронидани машғулиятҳои амалӣ аз фанҳои «Идораи мақомоти маҳаллӣ», «Иқтисодиёти истифодаи сарватҳои табиат», «Географияи иқтисодию иҷтимоӣ» “Иқтисодиёти минтақавӣ”мавриди истифода қарор гирифтаанд.

**3. Дараҷаи эътимоднокии натиҷаи илмии бадастомада**. Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсиониро омӯзиши таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ, ҷамъоварии маълумотҳо, ақидаҳои олимони ватанию хориҷӣ ва дар

кори илмӣ ба таври назариявӣ нишон додани он, таҳлилу барасии маводҳои таҳқиқотӣ, ҷамъоварии маълумотҳои омории ҷумҳуриявию маҳаллӣ ва дигар интишорот тасдиқ мекунад. Хулоса ва натиҷаҳои илман асосноккардашудаи натиҷаҳои таҳқиқотҳо ва таҷрибашуда, таҳия шудааст.

**4. Асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқот:**методҳои асосии идоракунӣ, вазифаҳои менеҷменти экологӣ, рушди кластерҳои саноатӣ, назарияи донишмандон, консепсияи муосири таҳияи лоиҳаи сармоягузорӣ, механизмҳои идоракунии истифодаи захираҳои табиат ташкил додаанд.

Дар раванди таҳқиқот методҳои умумиии таҳқиқот, методҳои оморӣ ва методҳои амалисозии эконометрӣ истифода бурда шудаанд.

Ҳангоми ҳал намудани вазифаҳои гузошташуда, методҳои абстрактӣ, мантиқӣ, таҳлилӣ, монографӣ, ҳисоботӣ муқоисавӣ истифода гардидаанд.

**5. Навоварии илмии таҳқиқот:** Ба натиҷаҳои асосие, ки дар онҳо элементҳои илмии навовариҳои тадқиқот нигоҳ дошта мешаванд ва предметҳои ҳимояшаванда ба шумор меравaнд, инҳо дохил мешавад:

-моҳият ва мафҳумҳои механизми идоракунии рушди босуботи иқтисодиёти истифодаи сарватҳои табиӣ таҳқиқ шуда нуқтаи назарияи муаллиф нисбат ба ин мафҳумҳо ифода ёфтаанд, имкон медиҳанд,ки моҳияти гурӯҳбандии захираҳои табиӣ ҳамчун раванди васеъкунони ва такмилдиҳии сохтори идоракунии соҳавии иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва экологӣ равона гардида ба истифодабарии самараноки потенсиалӣ табиӣ-захиравӣ бо мақсади таъминоти рушди босубот ва баландбардории рақобатпазирии идоракунии иқтисодиёт равшану возеҳ карда шаванд;

-роҳҳо ва методҳои доир ба баҳогузории сатҳи истифодабарии сарватҳои табиӣ ва таъсиррасонии вай ба механизми идоракунии истифодабарии самараноки захираҳои табиӣ равона карда шаванд;

-дар асоси баҳогузории потенсиалӣ механизмҳои идоракунии захираҳои табиӣ вилояти Хатлон бузургтарин минтақаи мамлакат дар комплекси табиии афзалиятнок ва имкониятҳои потенсиалӣ идоравии рушди босуботи истифодаи сарватҳои табиӣ нишон дода шудаанд;

-механизмҳи идоракунии давлатии тамоюлҳои рушди босуботи мамлакатро дар маҷмуъ муайян нашудааст, ки омилҳои асосии таъсиркунанда ба сатҳои баҳодиҳии рушди иқтисодиёти хурд дар дурнамои дарозмуддат дар шароити иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва экологӣ нишон дода шудаанд;

-мавҷуд будани вобастагии сатҳи иқтисодиёт бо дигар соҳаҳо ва механизмҳои идоракунии истифодабарии самараноки захираҳои молияви меҳнатӣ ва механизмҳои такмилдиҳии рушди босубот;

-зарурияти диверсификатсияи саноатӣ вилояти Хатлон дар заминаи беҳтарсозии механизми идоракунии иқтисодӣ-иҷтимоӣ сиёсӣ иқтисодии истифодабарии самараноки потенсиалӣ табиӣ-захиравӣ ва истеҳсолоти дарназардошташуда баҳри воридоткунонӣ ва содироткунонӣ асоснок карда шудааст.

**6. Соҳаи таҳқиқоти диссертатсионӣ** ба шиносномаи номгуӣ ихтисосҳои КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.10– Менеҷмент, маркетинг ва нархгузорӣ ба бандҳои зерин мувофиқат менамояд: 10.1.Коркарди муаммоҳои илмӣ идоракунӣ ва методҳои маърифати он. Ақидаҳои назариявӣ нисбат ба табиат, моҳият ва инкишофи идоракунӣ. Самтҳои муосири коркардҳои назариявию методологӣ дар соҳаи идоракунӣ. Асосҳои фаннӣ ва байнифаннии идоракунӣ; 10.2. Моҳият, сохтор ва вижагиҳои фарқкунандаи низоми идоракунии оммавӣ, тамоюлҳои асосӣ ва самтҳои инкишофи он дар шароити кунунӣ. Усули (принсипҳои) ташкил, захираҳо ва раванди идоракунии оммавӣ. 10.4. Сиёсати давлатӣ, механизмҳо, методҳо ва технологияҳои таҳия ва татбиқи он. Стратегия ва тактика дар амалисозии сиёсати давлатӣ. 10.5. Вижагиҳои коркард ва татбиқи сиёсати давлатӣ дар бахшҳои иҷтимоиёт ва иқтисодиёт. Робитаҳои бевосита ва бавоситаи сиёсати давлатӣ, механизмҳо, методҳо ва технологияҳои таҳия ва татбиқи онҳо. Инкишофи шаклҳои ҳамкории давлат ва бахши хусусӣ. Идоракунии амволи давлатӣ.

**7. Тасвиби натиҷаҳои таҳқиқот**. Паҳлуҳои асосии назариявӣ ва амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар конфронсҳои илмӣ-амалии байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ ва семинарҳо дар шаҳри Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2014-2022 маърӯза ва муҳокима гардидаанд.

## РӮЙХАТИ МАВОДҲОИ ВОБАСТА БА МАВЗӮЪ НАШРГАРДИДА

**А) Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризии тавсияшудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:**

1. **Абдулов Дилшод** Роялти ҳамчун механизми молиявии истифодабарии захираҳои обӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. //Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ.-Душанбе: “СИНО”,2016.-№2 (204).-С.84-87.
2. **Абдулов Дилшод** Барномаҳои комплексии истифодаи самараноки зихираҳои обию энергетикӣ ва дастовардҳои он дар давраи соҳибистиқлолии Тоҷикистон// Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. - Душанбе: “СИНО”,2016. - № 5. - С.138-143.
3. **Абдулов Дилшод** Низоми андозситонии истифодаи захираҳои табиӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон// Ахбори АИ ҶТ.-Душанбе, 2017.-№4 (420). - С.111-115.

**Б) дар дигар нашрияҳо:**

4. **Абдулов Дилшод** Барномаҳои рушди комплекси сузишворию энергетики Тоҷикистон барои солҳои 2013-2015. //Мушкилиҳои ҳозираи иқтисодиёт //Маводи конференсияи байналмилалии (Самара, 13.07.2016 г.). - Самара, 2016. - С.40-46.
5. **Абдулов Дилшод** Топливно-энергетический комплекс Республики Таджикистан как фактор развития экономики. //Молодой учений. Казань, 2016. №18 (122). С. 211-216.
6. **Абдулов Дилшод** Механизм рационального природоползования в системе финансовых отношений // Мат.международной научно-

практической конференции 5.09.2017 Р.Ф. город Пенза С.16-20. Экономика и управление в XXI веке стратегия устойчивого развития.

7. **Абдулов Дилшод** Механизм экономической оценки природным ресурсам Р.Т. и его финансирования //VII Международная научная конференция .«Современная экономика» 30.12.2016 Р.Ф. город Кемерово С.4-10.

8. **Абдулов Дилшод** Механизм экономической оценки природных ресурсов Республики Таджикистан и его финансирования. //Современная экономика// Материалы международной научной конференции (30.12.2016г., Кемерово).-Кемерово, 2016. - С. 34-41.

9. **Абдулов Дилшод** Истифодабарии сарватҳои табиӣ ва роҳҳои ҳали мушкилоти он. //Паёми Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ. - Кулоб, 2014.-№2(11). - С.86-89.

10. **Абдулов Дилшод** Иқтисодиёт в аэкология ва чорабиниҳои ҳифзи экологӣ // Нақши донишгоҳи давлатии Кӯлоб дар тайёр намудани мутахасисон// Маводи Конфронсяи илми-назариявӣ ( 17-18.04.2015 с). - Кӯлоб, 2015. - С.34-36.

11. **Абдулов Дилшод** Анализ основных элементов механизма природоохранных мероприятий в Республике Таджикистан// Наука як рушнийя антикризова сила// Материалы международной заочной конференции(30.09.2016 г.) -Киев, 2016. - С.122-126.

12. **Абдулов Дилшод** Концепция развития отраслей топливно-энергетического комплекса РТ на период 2003-2015 гг. 5-я Международная научная конференция «Проблемы современной экомики» Р.Ф. город Самара Экономически журнал «Молодой учёный» № 12(114) 22.12.2016

13. **Абдулов Дилшод** “Механизмҳои баҳодиҳи ба сарватҳои табиӣ вилояти Хатлон”/ Маводи конференсияи илмӣ-назариявии ҳайати профессорону омӯзгорони ва донишҷӯёни ДДК ба Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ оид ба натиҷагирии корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ дар соли 2019 Бахшида ба солҳои 2020-2040 «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ» дар мавзӯи 23-25 апрели соли 2020

14. **Абдулов Дилшод** «Тағйирёбии иқлим ва таъсири он ба обҳои ошомидании Ҷумҳурии Тоҷикистон» /Маводи конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзӯи эълони Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор» ДТМИК.-2021.

15. **Абдулов Дилшод** "Ҷумҳурии Тоҷикистон дар рушди сайёҳӣ ва рейтингҳои умумиҷаҳонӣ / маводи конференсияи илмӣ-назариявии ҳайати олимону профессрони Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавзуи "Таъсири ҷаҳонишавӣ ба равандҳои сиёсии Тоҷикистон" 29.10.2021с.

16. **Абдулов Дилшод** Механизмҳои баҳодиҳии иқтисодӣ ба сарватҳои табиӣ вилояти Хатлон./ Маводи фишурдаи илмӣ-назариявии ҳайати профессорону омӯзгорон ва донишҷӯён оид ба натиҷагирии корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ дар соли 2020. Бахшида ба солҳои 2020-2040 "Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ" ДДК ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ санаи 24-28. 04. 2020.

17. **Абдулов Дилшод** "Таъғирёбии иқлим ва таъсири он ба обҳои ошомидании Ҷумҳурии Тоҷикистон"/Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзуи Бахшида ба эълони Даҳсолаи байналмилалии "Об барои рушди устувор" то солҳои 2018-2028 ДДК ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ-2022.

18. **Абдулов Дилшод** "Партовҳои саноатӣ сабабгорӣ вазъияти бади экологӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон"/маводи конференсияи илмӣ–назариявии ҳайати професорону омӯзгрон ва донишҷӯён оид ба натиҷагирии корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ дар соли 2021 дар мавзӯи. ДДК ба номи А. Рӯдакӣ С. 5-6

19. **Абдулов Дилшод** Бехатарии вазъи экологӣ дар соҳаи кишоварзӣ/ Конференсияи илмӣ-назарияви ҳайати професорону омӯзгрон ва донишҷӯён оид ба натиҷагирии корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ дар соли 2022, ДТМИК С-51.

20. **Абдулов Дилшод** Асосҳои назариявии методҳои идоракунии истифодаи захираҳо дар заминагузории рушди босуботи иқтисодӣ

/Маводи конференсияи илмӣ-байналмилалӣ дар мавзӯи Тоҷикистон ва ҷаҳони муосир уфуқҳои нави ҳамкориҳои илмӣ-иқтисодӣ ва инноватсионӣ дар ҳошияи саноатикунонии босуръати кишвар: Барномаи миёнамӯҳлати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025: "ДТМИК С-390-395.

**Қарор қабул карда шуд:**

1. Рисолаи диссертатсионии Абдулов Дилшод Назарович дар мавзуи **Такмили механизми идоракунии рушди босуботи истифодабарии захираҳои табиии Тоҷикистон (дар мисоли вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон), ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзадӣ илмӣ иқтисодӣ аз руйи ихтисоси** 08.00.10–Менеҷмент, маркетинг ва нархгузорӣ пешниҳод шудааст ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат менамояд;
2. Рисолаи диссертатсионии Абдулов Дилшод Назарович дар мавзӯи **Такмили механизми идоракунии рушди босуботи истифодабарии захираҳои табиии Тоҷикистон (дар мисоли вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон), барои муҳокимаи минбаъда ва ҳимоя барои дарёфти дараҷаи илмии номзадӣ илмӣ иқтисодӣ аз руйи ихтисоси** 08.00.10–Менеҷмент, маркетинг ва нархгузорӣ пешниҳод мешавад.

Ҳангоми овоздиҳии кушод оид ба тарафдории масъалаи мазкур 22 нафар иштирок каарданд. Натиҷаи овоздиҳӣ чунин аст:

Тарафдор - 22, Зид -нест, Бетараф - нест

Хулоса дар ҷаласаи кушоди кафедраҳои умумидонишгоҳии назарияи иқтисодӣ, Менеҷмент ва маркетинги Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 13.12. соли 2022 таҳти №7 қабул карда шуда аст.

**Раисикунанда:**
**н.и.и., дотсент, мудири кафедраи**
**умумидонишгоҳӣ назарияи иқтисодӣ** **А.К. Комилов**

**Котиб:**
**Муаллими калони кафедраи**
**менеҷмент ва маркетинг** **Ҳ. А. Авзалов**

**Имзоҳои Комилов А.К. ва Авзалов Ҳ.А – ро**
**тасдиқ мекунам:**
**Сардори раёсати кадрҳо ва**
**корҳои махсуси ДМТ** **Э. Ш. Тавқиев**